**Тақриз**

**ба автореферати Холматова Хуршеда Айюбҷоновна**

**“Инъикоси консепти “бойигарӣ” –“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Забоншиносии когнитивӣ яке аз самтҳои илми когнитивии байнисоҳавӣ ба ҳисоб меравад. Марҳилаҳои ташаккули забоншиносии когнитивӣ аз олимони Руссия оғоз гардида, самтҳои когнитивизм дорои вожаҳои гуногун мебошанд.

Омӯзиши шуур мавзуи умумии илми когнитивӣ ва забоншиносии когнитивӣ мебошад ва он аз таъсири мутақобилаи якчанд сарчашмаҳо ба вуҷуд омадааст.

Илми когнитивӣ аз назарияи иттилоот мафҳумҳои сохторҳои иттилоотӣ ба монанди *коркард ва нигоҳдории маълумот дар хотира, баровардани маълумотҳои зарурӣ, ифодакунии маълумот дар тафаккури инсон* ва ғайраҳо гирифта шуда, шаклҳои забонӣ мегиранд.

Забоншиносии когнитивӣ яке аз соҳаҳои ҷолибтарин ва баҳсноки забоншиносӣ маҳсуб ёфта, равандҳои равонӣ ва инъикоси забонии онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон меомӯзад. Ин илм ба забон ҳамчун воҳиди коммуникативӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад, ки на танҳо аз нуқтаи назари халқ ва фарҳанг, балки аз нуқтаи назарии як шахс ба шахси дигар фарқ мекунад. Ҳар як шахс мақсади муошират ва хусусиятҳои прагматикии забонии худро дорад, ки идроки ӯро дар раванди синтези гирду атрофаш дар шуури ӯ ба вуҷуд меорад, инъикос мекунад, ки ҳамаи ин ҷабҳаҳоро Холматова Х.А. дар кори худ инъикос кардааст.

Кори илмии мавсуф ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои тадқиқотӣ дар забоншиносии когнитивӣ - *консепт*, аниқтараш, ба ду консепти зидмаъно *"бойигарӣ"* ва *"қашшоқӣ"* ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзӯи мазкурро Холматова Х.А. дар омӯзиши консептосфераи асосии умумифарҳангии муосир бо мақсади таҳлил ва муайян кардани семантикаи ин консепт дар сатҳи миллӣ дар фарҳангҳои гуногуни забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ мебинад.

Саҳми шахсии Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Таҳлили консепти *"бойигарӣ"-"қашшоқӣ"* дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссертатсия аз панҷ фасл иборат буда, дар он сухан дар бораи мафҳуми забоншиносии когнитивӣ меравад. Консептҳое, ки дар шуури одамон ба вуҷуд меоянд, на танҳо ба маънои вожаҳои аз луғатҳо гирифташуда, балки дар асоси таҷрибаи фардӣ, миллӣ, фарҳангӣ-таърихӣ низ ба вуҷуд меоянд, таҷриба ҳар қадар ғанӣ бошад, доираи мафҳум ҳамон қадар васеътар мешавад, он дар ҳамаи ҷанбаҳои мафҳум инъикос меёбад, ки ҳар яки онҳоро довталаб нишон додааст.

Дар боби дуюм, ки он консептҳои *"бойигарӣ"* ва *"қашшоқӣ"*-ро дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шарҳ медиҳад, шакли дохилии консептҳои *"бойигарӣ"* ва *"қашшоқӣ"* таҳлили лексикию маъноии консептҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ карда шудааст.

Дар боби сеюми кори худ Холматова Х.А. доири сохторҳои когнитивии фразеологишудаи консептҳои *"бойигарӣ"* ва *"қашшоқӣ"*

сухан ронда, оид ба  сохтори асосии когнитивие, ки барои шарҳи консептҳои луғавӣ интихоб шудааст, таҳлилҳои худро нишон додааст.

Хулосаи диссертатсия ба монанди муқаддимаи он васеъ буда, мундариҷаи бобҳо ба таври фишурда баён гардидаанд. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафҳои рисола қарор гирифтаанд, муяссар гардидаанд.

Новобаста аз баъзе нуқсонҳои техникӣ, муаллиф тавонистааст мақому манзалат ва инъикоси консепти "*бойигарӣ*" –"*қашшоқӣ*" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро нишон диҳад. Аз ин лиҳоз, рисолаи Холматова Хуршеда Аюбҷоновнаро бо номи "Инъикоси консепти "*бойигарӣ*" –"*қашшоқӣ*" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" асари тадқиқотии дорои арзиши баланди илмию амалии баанҷомрасида ҳисобида шуда, муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони**
**кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ** **Муродов Б.Р.**

**Санаи: 30.11.2023**
**735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Кӯлоб куч. С. Сангаков 16.**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**E-mail: bahriddinm@list.ru**
**Тел.:988175532**

**Имзои номзади илмҳои филологӣ Муродов Бахридин Раҳмоновичро тасдиқ менамоям:**

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**